# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (+992 372) 21 18 35 факс: (+992 372) 21 75 25


## ФАРМОИШ

аз «04» 02 с. 2020 №59 ш.Душанбе

Оид ба таҳкими назорати эпидемиологии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади ташкил ва пурзӯр намудани назорати эпидемиологии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017, таҳти № 1413 тасдиқ карда шудааст, тибқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал "Оид ба фаъолияти гурӯҳҳои мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" тасдиқ карда шавад (замимаи 1).
2. Рӯйхати гурӯҳҳои мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замимаи 2).
3. Ҳамоҳангсозии фаъолияти гурӯҳҳои мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи директори Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон (Алиев С.П.) вогузор карда шавад.
4. Ба Алиев С.П. - директори Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон" супориш дода шавад:

- ҷиҳати таъмини муассисаҳои табобатию профилактикӣ бо дастурамали тасдиқшуда дар якҷоягӣ бо Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва шарикон оид ба рушд чораҳои зарурӣ андешад.
- барои баланд бардоштани савияи дониши гурӯҳҳои мобилии зудамал доир ба Дастурамал "Оид ба фаъолияти гурӯҳҳои мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар якҷоягӣ бо Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва шарикон оид ба рушд дар минтақаҳои

ҷумҳурӣ машваратҳои омӯзишӣ ташкил намуда, дар давоми семоҳаи аввали соли 2020 гузаронад.

5. Ба Холназар Б. – директори Муассисаи давлатии "Озмоишгоҳи миллии референсӣ" супориш дода шавад, ки барои фаъолияти Гурӯҳи мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳро бо мошини мобилии зудамал, маводи техникӣ барои фавран ба мавзеъҳо рафтан, маҷмӯи либосҳои муҳофизатӣ (дастпӯшакҳо, ниқобҳои муҳофизатӣ, хилъат ва ғ), борҷома бо асбобҳои зарурӣ, контейнерҳо, яхдон барои дастрас намудани пробиркаҳо бо намунаҳои вирусҳо (коронавируси нави 2019-nCoV) ва дигар таъмин намояд.

6. Ба Каримзода Х. – директори Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии тандурустии ҷамъиятӣ» супориш дода шавад, ки ташхисгоҳҳои Озмоишгоҳро барои гузаронидани таҳқиқотҳои намунаи маводҳои воридшуда гумонбар ба сирояти коронавируси нави 2019-nCoV омода намояд.

7. Руйхати навбатдорони шабонарӯзии муваққатӣ дар марҳилаи паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби табибони вирусологҳои муассисаҳои тиббӣ-профилактикии сохторҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташхисгоҳҳои Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии тандурустии ҷамъиятӣ» тасдиқ карда шавад (замимаи 3).

8. Ба сардорони раёсату шуъбаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони Раёсатҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, раёсатҳои тандурустии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, роҳбарони муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, муассисаҳои ҷумҳуриявии табобатию пешгирӣ ва илмию таълимии соҳа супориш дода шавад, ки барои амалишавии чораҳои таҳкими назорати эпидемиологии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV мусоидат намоянд.

9. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум ва муовинони вазир вогузор карда шавад.

Вазир Н. Олимзода

БАРОИ ФАРМОНҲО ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

Замимаи 1
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__01___»_02____соли 2020 №_59_______
тасдиқ карда шудааст

Дастурамал
“Оид ба фаъолияти гурӯҳҳои мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Дар вақти авҷгирии беморӣ гумонбар мешавад, гуруҳҳои мобилии зудамалкунанда дар минтақае, ки эҳтимолияти ба вуҷудоии авҷгирии беморӣ дар назар аст, ҷойгир менамояд. Шаш (6) гурӯҳи мобилии зудамалкунанда ҷойгиранд дар:

- Душанбе;
- Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- Бохтар, бо фарогирии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон;
- Кӯлоб, бо фарогирии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;
- Хуҷанд, бо фарогирии вилояти Суғд;
- Хоруғ, бо фарогирии вилояти ВМКБ;

Гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда аз мутахассисони зерин иборатанд:

- Эпидемиолог (1 ё 2);
- Сироятшинос (1);
- Мутахассиси ташхисгоҳ (1);
- Мутахассис-таъминотчӣ (1);
- Ронанда(1);

1. Ӯҳдадориҳои гурӯҳҳои зудамалкунанда.

Вақте, ки огоҳнома оиди гумонбарии ходисаи сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар одам ё ин, ки дар вақти авҷгирии беморӣ дар одам гирифта мешавад, гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда фавран чораҷӯӣ мекунанд. Таҳти роҳбарии Алиев С.П. – директори Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон” онҳо дар ҳамон минтақа ҷойгир карда мешаванд.

Гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда маълумотномаро оиди эҳтимолияти ҳодисаи сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар одам ҷамъоварӣ намуда, чораҳоро оиди пурзӯр намудани назорати эпидемиологӣ дар ҳамон минтақа меандешанд.

Омӯзиши фаврии ҳодисаи сирояти коронавируси нави 2019-nCoV зарур ва муҳим аст, барои ба даст овардани мақсадҳои зерин:

- ❖ Тасдиқи ташхиси бемории сирояти коронавируси нави 2019-nCoV.
- ❖ Паст намудани сатҳи беморӣ ва фавт бо тарзи фаврӣ дарёфт намудан, ҷудогардонӣ, табобат ва пеш гирифтани роҳи алоқа бо бемор.
- ❖ Паст намудани паҳншавии оянда бо роҳи дарёфти потенсиалии ҳодиса дар одам ва ё ин, ки манбаъҳои табии сироят, омилҳои хавфи сироятёбӣ ва татбиқи чораҳои зарурии мубориза бар зидди беморӣ. Бо иловаи нобудсозии дастаи паррандаҳои сироятёфта, безараргардонии муҳити атроф, инчунин кор бо сафарбаркунии иҷтимоӣ ва коммуникатсионӣ.
- ❖ Муайян намудани зиёдшавии хавфи сирояти коронавируси нави 2019-nCoV чун исботи зиёд гардидани таъсирнокии гузариш аз одам ба одам.
- ❖ Муайян намудани шарҳи эпидемиологӣ, клиникӣ ва вирусологии ҳодиса, бо иловаи тарзи гузариш ва ташхиси беморӣ, ба вуҷудоии аломат ва амали табобат.
- ❖ Таъмини сари вақтии иваз намудани маълумотҳо дар байни духтурони муолиҷавӣ, таҳқиқгарони тандурустии умумӣ, инчунин кормандони давлатӣ, барои татбиқи критерияҳои ахборотиву андешидани хулосаҳо дар сатҳи миллӣ ва байналхалқӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқи беморӣ.

## 2. Таҳқиқоти авҷгирии беморӣ

Гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда аввалан дар маҳали ҷуғрофӣ бо роҳи назорати эпидемиологӣ, ҳамаи муассисаҳои тандурустиро аз назар мегузаронанд.

Дар вақти авҷгирии беморӣ дар байни аҳолӣ, гурӯҳҳои мобилии зудамалкунада аз духтурони табобатӣ ва кормандони муассисаҳои табобатӣ аз ҳамаи ҳодисаҳои гумонбарӣ ба бемории сирояти коронавируси нави 2019-nCoV, пурсон мешаванд. Аломатҳои асосии бемории 2019-nCoV: ҳарорати бадан (>38ºC), инчунин сабаби таби баланд ва аломатҳои респираторӣ (хастагӣ, сулфа бо миқдори ками балғам), ё ин, ки дар баробари рушди беморӣ дар баъзе беморон (тақрибан 15%) аломатҳои ба монанди нафастангӣ (диспноэ) пайдо мешаванд. Ҳарорати бадан дар зиёда аз 90% беморон, сулфаи хушк - тақрибан дар 80%, фишурдашавии сина - дар зиёда аз 20% беморон ба қайд гирифта мешавад.

Агар аллакай оиди ҳодисаи гумонбарӣ ба сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар муассисаи тиббӣ хабар расонида шуда бошад, онгоҳ гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда чунин амал мекунанд:

- ❖ Бо ҳамаи ҳодисҳои гумонбаршуда ва аъзои оилаи онҳо суҳбат намуда. Намунаи ҳисоботиро оиди ҳодиса (ду нусха, ниг.Замимаи I) бо бемор, аъзои оила ё ин, ки ҳамсояш пур менамояд. Як нусха ба Раёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилоят ва як нусха ба Душанбе ба Муассисаи давлатии Сарраёсати назорати давлатии

санитарию эпидемиологии Хадамати назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равон карда мешавад.

- ❖ Намунҳо аз ҳодисаҳои гумонбаршуда гирифта мешаванд. Мутахассис озмоишгоҳ вазифадор аст, ки намунаҳоро мувофиқи қоида ва амал гирифта, қоидаҳои ирсол намудани намунаро риоя намояд. Намунаи нусхаи озмоишгоҳ (ниг. Замимаи I) пур карда шуда ба Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамроҳи намунаи ташхисӣ аз бемор гирифташуда фиристонда мешавад.
- ❖ Баъди он, ки нусхаи ҳисобот оиди ҳодиса ба сатҳи миллӣ фиристода шуд, гурӯҳҳои мобилии зудамал бояд ба ҳамоҳангсози (Бобоназаров И.М., сардори Саррёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ) дар тамос шуда, оғоз намудани таҳқиқоти пурраро мувофиқа менамоянд. Таҳқиқотии пурра дар бар мегирад ҷудо намудани ҳамаи дар алоқа будагон, рафтан ба минтақаҳои эҳтимолии сироятёфташуда.

## 2. Муайян намудани аҳолии дар зери хавф қарор доштаи ҷамъият ё ин, ки муассисаи тиббӣ

Назорати дар алоқабудагон бо бемор бояд ба шахсоне гузаронида шавад, ки онҳо алоқаи наздик бо бемор (мисол, бо маводҳои худмуҳофизатӣ таъмин набуданд) доштанд, алоқа дар рӯзи аввал то гузаштани 14 рӯзи саршавии пайдо гардидани аломатҳои беморӣ дар бемор. Онҳое, ки худро баъди 7 рӯзи алоқаи охирин саломат ҳис мекунанд, онҳоро метавонем сироят ноёфта шуморем. Маълумот оиди алоқаи зич метавон, бо роҳи суҳбат бо бемор, аъзои оила, ҳамкор ё н, ки ҳамсинф ва ғайра, ки медонанд, бемор ба чи машғул буд ва ба наздикӣ ба куҷо рафта буд.

Кор бо назорати дар алоқа будагон зарур аст, агар бемор дар алоқаи зиёд буд, ё ин, ки дар алоқа бо қисми ками одамон буд. Дар ин ҳолат, зарур мебояд диққатро ба он алоқаҳое ҷалб намоем, ки хавфи зиёд ва сироятёбии беандоза доштанд. Омилҳое, ки барои ҷудо намудани дар алоқа будагон истифода бурда мешаванд:

- ❖ Эҳтимолияти бемории сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар бемор (мисол, алоқа бо тасдиқкардашуда ё ин, ки ҳодисаи эҳтимолӣ);
- ❖ Давомнокӣ, алоқаи худудӣ инчунин қарор доштан дар зери таъсири зиёди омилҳои гузариш (мисол, кормандони тиб, алоқа дар хона, хоб ва хурду хӯрок дар як хона, он шахсоне, ки нигоҳубинии бемор дар бистар машғул буданд);
- ❖ Эҳтимолияти гузариш аз одам ба одам ва алоқа бо бемор.
- ❖

### 3.1. Фаъол пайдо намудани ҳодиса

Барои пешгии ва мубориза бо беморӣ, кӯшиши пайдо намудани ҳодисаҳои иловагие, ки дар алоқаи зич набуданд, бениҳоят зарур аст. Пайдо намудани фаъоли ҳодиса диққатро ҷалб мекунад ба:

❖ Он одамоне, ки метавонанд сироя ёбанд аз ҳамон манбаъе, ки бемори ба қайд гирифта ёфт гардида буд;

❖ Он одамоне, ки бо бемории номуайяни шадиди роҳҳои нафаси қисми поёнии роҳҳои нафас бо таби баланд ва ҳодисаҳои фавт аз бемориҳои номуайяни шадиди роҳҳои нафас бо таби баланд.

Ҳодисаро дар он минтақаҳое, ки таҳқиқот бо тарзи хона ба хона ва ё ин, ки таҳқиқоти муассисаҳои тиббӣ, ҷустуҷу намудан лозим.

### 3.2. Пешгирӣ баъди тасдиқи сироятёбӣ

Ҳамаи ҳодисаҳои гумонбаршуда, ки ҳангоми таҳқиқи дар алоқабудагон ва ё ин, ки ҳангоми пайдокунии фаъол дарёфт карда шудаанд.

## 4. Ҷамъоварии намуди намуна ва кор бо намунаҳо

Намунаҳои озмоиши бояд, бо тартиби ҷоригардида дар қуттиҳои махсуси хунуки дастӣ ҷо ба ҷо гузошта шуда, ба Душанбе ба Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Озмоишгоҳи вирусологии Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон ирсол карда шаванд.

Онҳо бояд, дар муддати 24 соати баъди гирифтани намуна аз ҳодисаи гумонбаршуда ба озмоишгоҳ расонида шаванд. Барои ин бояд пешакӣ таъминотчиро барои ирсол намудани намуна тайёр намоеянд.

## 5. Таҷҳизот барои гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда

Гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда бо чунин маводҳо таъмин намуда мешаванд:

❖ Воситаи алоқа ба аъзоёни гурӯҳҳои мобилии зудамалкунанда, барои ба тамос баромадан дар ҳама мавриди рӯз ва ҳафта.

❖ Таҷҳизот барои муҳофизати худ, инчунин борҷома бо асбобҳои зарурӣ барои гузаронидани тадқиқ.

❖ Таъминоти маводи техникӣ барои фавран ба мавзеъҳо рафтан, инчунин ҷой барои ҷойгиршавӣ дар вақти гузаронидани тадқиқ.

❖ Яхдон барои дастрас намудани пробиркаҳо бо намунаҳои вирусҳо (коронавируси нави 2019-nCoV).

❖ Ҷой дар як қатор анборҳо, ки он ҷо дар яхиистеҳсолкунанда барои халтачаҳои ях дар контейнер, гузошта шудааст.

Дар натиҷа, дастрас будани маводҳо (мисол, маводҳои зиддивирусӣ) барои табобати аҳолӣ.

## 6. Озмоишгоҳи санитарӣ эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Озмоишгоҳи вирусологии Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон

Ҳамаи намунаҳои ташхис бояд ба Душанбе ба Озмоишгоҳи санитарӣ эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Озмоишгоҳи вирусологии Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон ирсол намуда шаванд. Озмоишгоҳи

санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Озмоишгоҳи вирусологии Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон вазифадор астанд ба:

1.Таҳлили ҳамаи намунаҳои, воридшуда барои ташхиси коронавируси нави 2019-nCoV ба амал омадааст

- Молишак аз ҳалқ;
- Молишак аз бинӣ;
- Намунаҳои серологӣ;
- Намунаҳои бофтагӣ;

2.Ҳамаи таҳлилҳоро ба воситаи ҳамоҳангсози сирояти коронавируси нави 2019-nCoV тасдиқ намуда, ба роҳҳои занг задан, факс ё ин, ки почтаи электронӣ ба дастаҳои мобилии зудамал хабар медиҳад. Ва онҳо инро ба роҳбарон, муассисаҳо ва беморхонаҳои маҳаллӣ мерасонанд.

3.Натиҷаҳои мусбӣ ва манфии намунаҳоро ба Озмоишгоҳҳои Роспотребнадзори Федератсияи Руссия *(ФБУН "Государственный научный центр вирусологии и биотехнологии "Вектор"" Роспотребнадзора в г.Новосибирске РФ (Пьянков Олег Викторович, тел: +79137089156, +79139449560) или ФКУЗ «Противочумный центр» Роспотребнадзора в г.Москве РФ (Лопатин Антон Александрович, тел: +79175511271, электронный адрес: apc@gsen.ru)*, ки якҷоягӣ ҳамкорӣ менамоянд, барои тасдиқ намудан ирсол менамояд.

*1.Шахси масъули Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва тамосҳои ӯ:*

| | |
|---|---|
| Ном ва номи падар: | Зокирова Нигина |
| Телефони корӣ: | (+992 37) 227 49 47 |
| Телефони мобилӣ: | (+992) 988 15 84 85 |
| Почтаи электронӣ: | |

*2.Шахси масъули Озмоишгоҳи вирусологии Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон ва тамосҳои ӯ:*

| | |
|---|---|
| Ном ва номи падар: | Фарида Тишкова |
| Телефони корӣ: | (+992 37) 221 10 81 |
| Телефони мобилӣ: | (+992) 90 780 77 99 |
| Почтаи электронӣ: | ftishkova@gmail.com |

## 7. Маводҳои худмуҳофизатӣ

Ҳамаи дастаҳои мобилии зудамал бояд, бо маводҳои худмуҳофизатӣ таъмин карда шуда бошанд. Маводҳои худмуҳофизатӣ пеш аз ҳама барои таъмини бехатарии шахсӣ дар вақти гузаронидани тадқиқ ва пурзӯр намудани назорати эпидемиологӣ истифода бурда мешаванд. Ин маводҳо инчунин дар муассисаҳои табобатӣ дар вақти сару кор ва муолиҷаи беморони сирояти коронавируси нави 2019-nCoV лозим мешаванд. Ҳамчунон маводҳои худмуҳофизатӣ дар вақти мубориза бо дигар сироятҳо (мисол, стандартҳо, тамос, алоқа, қатра ва эҳтиёткорӣ аз сирояти ҳавоӣ) ва беҳдошти пурраи дастҳо.

Маводҳои худмуҳофизатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи кори ҷузъӣ барои мубориза бо сироятҳо ҳастанд ва компоненти муҳими пешгирӣ ва мубориза барои паст намудани хавфи сироятёбӣ аз сироятҳои барои саломатӣ зараровар аз ҷумла сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар муассисаҳои тиббӣ равона карда шуданд. Лекин истифодаи маводҳои худмуҳофизатӣ худ ба худ сади роҳи гирифтор шуданро ба ягон микроорганизми бемориоварро дар давоми сару кор бо бемор намегирад. Мутобиқати истифодаи эҳтиёкорӣ, ки дар мубориза дар зидди беморӣ тавсия дода шудааст, мавқеъи муҳимеро дарпешгирии эҳтимолияти гузаштани сирояти коронавируси нави 2019-nCoV ва дигар сироятҳо ба корманди тибб, бемор ва аёдаткунандагон, ишғол менамояд.

Маводҳои худмуҳофизатӣ аз дастпӯшак, муҳофизати рӯй, ҳилъат ва мавҷуи либосҳои муҳофизатӣ иборат мебошанд.

## 7.1 Дастпӯшакҳо

Дастпӯшакҳо бо се сабаби асосӣ дар муассисаҳои табобатӣ истифода бурда мешаванд:

1. Дастпӯшакҳо барои, ташкил намудани монеа ва пешгирии ифлос шавии даст ҳангоми сару кор намудан бо хун, моеъҳои организм, секресияҳо, экскресияҳо, пардаҳои луобӣ ва пӯст бо захм, осеб пӯшида мешаванд.
2. Дастпӯшакҳо барои, нигоҳ доштани гузариши барангезандаҳои дар дасти корманди тибб мавҷуд буда, ба бемор дар вақти гузаронидани ягонамалёт, нигоҳу бини бемор, расидан ба пардаҳои луобӣ пӯст ва осеб, захм пӯшида мешаванд.
3. Дастпӯшакҳо барои, паст гардонидани эҳтимолияти дасти ифлос гардидаи корманди тибб аз барангезандаҳои дигар бемор ё ин ки формитҳо ба дигар бемор нагӯзаштан пӯшида мешаванд. Дар чунин маврид дар фосилаи байни аз назар гузаронии як бемор бо бемори дигар, дастпӯшакҳоро иваз намуда, баъди кашидани онҳо дастҳоро шуштан лозим.

Эзоҳ: пӯшидани дастпӯшакҳо истифодаи ҳатмии беҳдошти дастро иваз намуда наметавонад.

## 7.2 Муҳофизати рӯй

Муҳофизати рӯй аз ниқоби ҷарроҳӣ ё ин ки амалётӣ, респиратори микрозарраҳо, айнак ва ниқобҳои муҳофизатӣ иборат аст. Барои ба вуҷуд овардани монеаи муҳофизатӣ дар алоҳидагӣ (баъзан) ва ё ин ки як ҷоя бо ҳамдигар, намудҳои гуногуни ниқоб, айнакҳои муҳофизатӣ ва ниқобҳо барои муҳофизати рӯй пӯшида мешаванд. Ниқобе, ки бинӣ ва даҳонро мепӯшонад инчунин айнак ё ин ки ниқоби муҳофизатии рӯй, дар вақти сару кор бо беморе, ки эҳтимолияти пошидан вуҷуд дорад, аз ҷумла пошидани хун, моеъ, сектетсия барои муҳофизати чашм, бинӣ ва даҳон аз барангезандаи бемориовар аз ҷониби корманди тибб ҳангоми тамос бо бемор пӯшида мешавад.

Ниқоби ҷарроҳӣ, асосан дар вақти муҳофизат аз қатраҳои калони зарраҳои барангезанда, ки дар вақти тамоси наздик (то 3 фут) аз шахси сироятиёфта, ки аҳса ва сулфа мезанад пӯшида мешавад.

Вале никобҳои ҷарроҳи метавонанд барои пешгирии нафаскашии ядроҳои қатрамонанд, нокифоя бошанд, бинобарҳамин истифодаи респиратори нобудкунандаи ин заррачаҳо тавсия дода мешавад.

Аз рӯи сохт респираторҳои муҳофизат аз заррачаҳо иборат аз чангкашак буда (муҳофизат ан чанг, заррачаҳо), заррачаҳои сахт дар ҳаво\бӯй ё ин ки респиратор-филтр аз заррачаҳои баландтаъсир дар ҳаво, дорои сертификат аз ҷониби институти Милли беҳатарии техникӣ ва саломатӣ ё ин ки Иттиҳоди Аврупо мебошад. Бо ҳамин мақсад дастурамали пешниҳод гардида респиратори муҳофизат аз заррачаҳоро ҳамчун таҷҳизоти сертификатонидашудаи №95 институти Милли бехатарии техникӣ ва саломатӣ шуморида, FFP2 сертикатонидашудаи Иттиҳоди Аврупо ё ин ки онҳо сатҳи минималии муҳофизати респираториро ташкил дода, барои корманди тиббе, ки бо дастгоҳҳои аэрозолӣ сару кор доранд тавсия медиҳад.

### 7.3 Ҳилъат ва маҷмӯи либосҳои муҳофизатӣ

Ҳилъат ва маҷмӯи либосҳои муҳофизатӣ ҳамчун монеаи муҳофизатӣ ва паст намудани эҳтимолияти гузариши микроорганизмҳо, дар муассисаҳои тибби пӯшида мешаванд.

Ҳилъат ва маҷмӯи либосҳои муҳофизатӣ, сару либос инчунин пӯсти тиббро аз ҳавфи олудашавии пошхӯрии хун ва дигар моеъҳои бадани шахси бемор муҳофизат менамояд. Нигоҳу бини махсус ба ҳилъатҳо лозим аст, онҳо бояд аз матоъи тар нашаванда ва ногузарonанда аз моъеҳо блшанд. Рӯйпӯши махсус барои пойафзол ё ин ки кафш лозим, чунки он бисёртар ва хубтар пӯстро аз қатра ва маводҳои сироятe ки ҳастанд ва ё тахмин мешавад, ки ҳастанд, мухофизат менамояд. Пӯшидани ҳилъатҳо аз ҷониби кормандони тибб ҳамчунин барои паст намудани гузариши барангезандаҳо аз шахси сироятёфта ва муҳиту лиҳозҳои ӯ ба дигар бемор, пӯшида мешаванд; барои ҳамин ҳангоми баромадан аз назди бемор ҳилъат то баромадан аз утоқ кашида шуда, дастҳо пурра шӯста мешаванд.

### 7.4 Протоколи харид

Ҳамаи маводҳои муҳофизатӣ бояд, ки ҳеҷ набошад сертификати зеррин дошта бошанд:

*Дастпӯшакҳо*

Тоза ва тамизнагардонидашуда, якҳела ва озод барои ҳарду даст низ ҳатмӣ мебошанд.

Дастпӯшакҳо бояд, ки дастаи ҳилъатро мустаҳкам намоянд.

*Ҳилъат*

Тоза ва тамизгардонидашуда, як карата, дӯхташон аз маводҳои синтетикӣ ва ё матоъҳоое, ки онҳоро шӯста боз истифода бурдан мумкин бошад.

Ҳатман ҳилъат бо андозаи калон бошад то ин ки ҳамаи минтақаи баданро пӯшонида муҳофизат намояд.

*Респиратори муҳофизат аз заррачаҳо*

Респираторҳое (N95, N99, N100, FFP2, FFP3), ки аз 94% зиёдтар заррачаҳои ҳаворо безарар мегардонад. Респираторҳои муҳофизат аз

заррачаҳои яккарата дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон истифода бурда мешаванд.

Ҳангоми интиҳоби респираторҳои муҳофизат аз заррачаҳо барои муассисаҳои тибби як қатор факторҳоро, аз ҷумла; арзиш, ёфт, таъсир ба нигоҳу бини бемор, заминаи ҳавф аз сатҳи аэрозоли секретсияҳои респираторӣ, истифодаи бисёркаратаро ба назар гирифтан лозим.

*Ниқоб*

Усулҳои санҷиши стандартии ниқобҳои филтрдорӣ ҷарроҳи вуҷуд надорад, интиҳоби васеъи филтрҳои таъсирбахш байни ниқобҳои мавчудбуда ҳаст.

Ниқобҳои ҷарроҳӣ ва ниқоб барои гузаронидани корҳои муоличавӣ барои муҳофизати саломатӣ сохта нашудаанд, доҳил гардидани заррачаҳо дар кунҷҳои ниқоб аз эҳтимол дур нест вақте, ки истифода баранда нафас мегирад. Ин ягона аз қатраҳо монеаро ба вуҷуд сӯмеораду халос.

Филтрниқобҳои ҷарроҳии 0,3 u бактерия барои истифодаи мунтазам ва 0,1 u барои истифодаи лазерӣ, ё ин ки аз 90% таъсири зиддӣ бактериявӣ доштаро тавсия медиҳад.

*Айнакҳои муҳофизатӣ*

Айнакҳои тоза ва тамизнагардонидашуда, инчунин истифодаи бисёркаратаи онҳо беҳтар мебошад.

Айнакҳои муҳофизатӣ бояд пардаи луобии чашмро дар вақти гузаронидани корҳои муоличавӣ ва нигоҳу бини бемор, ки эҳтимолияти пош хӯрдани хӯн, моеъ, секретсия ва экскретсия мавҷуд аст муҳофизат намоянд.

### 7.5 Истифодаи зарурии маводҳои муҳофизатӣ ҳангоми норасони замина

Таъмини маводҳои муҳофизатии шахсӣ бояд, ки дар сатҳи зарурӣ қарор дошта бошад. Пеш аз ҳама аз истифодаи бисёркаратаи маводҳои як карата худдорӣ намудан лозим. То имрӯз маълумот оиди ситифодаи бисёркаратаи маводҳои муҳофизатӣ ҳангоми зуком нест, бинобар ҳамин истифодаи бисёркаратаи ин маводҳо мумкин аст, ки заминаи сироятёбиро баланд гардонад. Ва роҳи ягонаи раҳоӣ аз ин ҳавфият бояд мутобиқ гардонида шавад бо пурра таъмин намудани кормандони тибб бо маводҳои муҳофизатӣ. Бояд, ки ин ҳавфият мутобиқат карда шуда муҳофизати кормандони тиббро таъмин намояд. Агар миқдори лозимии маводҳои муҳофизатӣ нарасад, дар шароити зарури чун чораи муввақати, дар сурате, ки ин маводҳо набаромада бошанд (дарида ё афсурда).

### 7.6 Муҳофизати респираторӣ

Агар бемор бо бемории шадиди роҳҳои нафас дар ҳуҷраи умумӣ ва ё якчанд ҳуҷраи ҷойгир карда шуда бошад, ва зарурати аз назар гузаронидани беморони зиёд дар мавриди кутоҳи вақт пеш меояд, пӯшидани респиратор дар вақти кор лозим ва зарур аст.

## 7.7 Ниқобҳои ҷарроҳӣ ва муоличавӣ

Агар респиратори муҳофизатӣ аз заррахо набошад, онгоҳ ниқоби ҷарроҳӣ ва ё муоличавӣро мустаҳкам баста пӯшидан лозим.

Ниқобро як маротиба пӯшида партофтан лозим.

Агар ниқоб намнок гардад, иваз намудан лозим.

Ниқобро суст ва кушода дар гирди гардан мондан лозим нест.

Баъди даст расонидан ва кушодани ниқоби пӯшида истифодакардашуда шустаи ва истифодаи пурраи беҳдошти дастҳо.

## 7.8 Дастпӯшакҳо

Агар таъмин намудани дастпӯшакҳо нокифоя бошад, онгоҳ дастпӯшакҳоро захира намоед барои кор бо хун, моеъҳои организм ва корҳои муоличавӣ. Истифодаи дигар монеаҳо (мисол, сачоқҳои як каратаи қоғазин, салфеткаҳои қоғазин), вақте ки алоқаи наздик бо секресияҳои респираторими бемор (мисол, даст расонидан ба таҷҳизотҳое, ки ба бемор насб карда шудаанд) надоред, имконпазир мебошад. Дар ин ҳолатҳо шустан ва истифодаи беҳдошти дастҳо бениҳоят муҳим мебошад.

## 7.9 Ҳилъатҳо

Агар танқиси ҳилъат мушоҳида шавад, онгоҳ истифодаи Ҳилъат вақти гузаронидани корҳои муоличавӣ-аэрозолӣ, доштани бемор (мисол, дар шуъбаҳои кӯдакона) ва алоқаи наздик бо бемор истифода бурда мешавад. Ё ин ки бо як ҳилъат мумкин аст, якчанд беморро нигоҳубин намудан, дар як утоқ агар алоқаи наздик бо беморон набошад.

## 7.10 Муҳофизати чашм

Маводҳои муҳофизатӣ барои чашм хатари муҳиме барои сирояти доҳили беморхонагӣ доранд. Ҳамаи ин гуна маводҳои муҳофизатӣ бояд, ки баъди ҳар як маротибаи истифода бурдан ва аз утоқи алоҳида кардашуда баромадан тоза ва безарар гардонида шаванд. Тоза ва безараргардонии онҳо ба воситаи истифодабарии маводҳои зидди сирояти коронавируси нави 2019-nCoV ва он маводҳое, ки аз ҷониби истеҳсолкунандаи лиҳоз тавсия дода мешавад. Аввал тоза ва пас аз ин безарар намудан лозим. Баъди гирифтани айнакҳои муҳофизатӣ ва тоза намудани онҳо шустан ва истифодаи ҳатмии беҳдошти дастҳо лозим мебошад.

Замимаи I

Намунаи ҳисобот оиди ҳодиса
Нусхаи ҳисобот оиди муайян намудани ҳодисаи сирояти коронавируси нави 2019-nCoV2

Ҳисобот бояд, ки мутобиқ ба ҳолати бемор ва тавсияҳои додашуда оиди муайян намудани ҳодиса ҳангоми гумонбарӣ ба ҳодисаи сирояти коронавируси нави 2019-nCoV2 дар маҳал тайёр карда шавад.

Як нусхаи намунаи мазкур ба ҳамоҳангсозҳои барномаи оид ба сирояти шакли нави коронавирус ба Озмоишгоҳи санитарӣ эпидемиологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Зокирова Нигина, телефонҳо: (+992 37) 227 49 47, (+992) 988 15 84 85, нишонаи ш.Душанбе к.Чапаев, 8) ва Озмоишгоҳи вирусологии Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон (Фарида Тишкова, телефонҳо: (+992 37) 221 10 81, (+992) 90 780 77 99, Почтаи электронӣ: ftishkova@gmail.com, нишона: ш.Душанбе, к.Шевченко, 69) бояд, ки фиристода шавад.

| |
|---|
| Чунин маълумот бояд дар Сарраёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ба қайд гирифта шавад:<br><br>Рақами кластерии ҳодиса: Рақами ҳодиса:……………………<br><br>Рӯзи маълумотдиҳи оиди ҳодиса:………../………../2020…..(р/м/с) |

1.Маълумот оиди пешниҳодкунанда
Ном ва номи падари шахси намунаро қабул кунанда:
Пажӯҳишгоҳ/Ташкилот:
Номғӯи қишлоқ/ноҳия/шаҳр:
Таърихи гирифтани намуна:………../2020……(р/м/с)
Вақти гирифтани намуна:………..(соат/дақиқа)
Намуди намунаи гирифташуда:
Маълумотҳои тамосии шахси намунаҳои беморро пешниҳодкунанда:
Телефон…………….Факс……………Почтаи электронӣ………………….
Сатҳи аввалини маъмурӣ, аз куҷо маълумот оиди шахс пешниҳод гардидааст:
Таърихи кай аввалин бор шахс ба муассисаи тиббӣ муроҷиат кардааст:
…………………./…………………../2020
2. Маълумот оиди бемор
Ном ва номи падар.
Ҷинс: ☐ Мард ☐ Зан ☐ Номаълум
Рӯзи таваллуд:…../……./2020. ё ин, ки синну сол ________дар солҳо/моҳҳо
Маълумотҳои тамосии бемор (нишонӣ):
Рақами телефон:………………… Факс:………………………….

Замимаи 2
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «__01___»__02___соли 2020 №__59______
тасдиқ карда шудааст

Руйхати гурӯҳҳои мобилии зудамал
бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси
нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби мутахассисони
шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Ному насаб | Номгуи муассиса | Вазифа | Рақами телефон |
|---|---|---|---|---|
| Ноҳияҳои тобъеи ҷумҳурӣ | | | | |
| 1 | Ахроров Фирдавс | Сарраёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | эпидемиолог | 558058111<br>227-49-47 |
| 2 | Рахмонов Эркин | Беморхонаи сироятии шахри Душанбе | сироятшинос | |
| 3 | Зокирова Нигина | Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологии ХНДТҲИА | табиб-озмоишгар | 888085302 |
| 4 | Ахмедҷонов Зоир | Сарраёсати назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | ронанда | 987000539 |
| ш.Душанбе | | | | |
| 1 | Иномов Асрор | МНДСЭ | эпидемиолог | 917780004 |
| 2 | Шарипов Турахон | Беморхонаи сироятии шаҳри Душанбе | сироятшинос | 987776216 |
| 3 | Карамхудоева С. | МД «ОСЭ» | табиб-озмоишгар | 888832026 |
| 4 | Меликов Хушвахт | Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон | ронанда | 935064377 |
| Минтақаи Бохтар | | | | |
| 1 | Ғафуров | МНДСЭ вилояти | эпидемиолог | 909093477 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Абдуқодир | Хатлон | | 8322223444 |
| 2 | Шералиев Акрам | Беморхонаи вилоятии ба номи Бури Вохидов | сироятшинос | 906777120 |
| 3 | Назарова Шахноза | МНДСЭ вилояти Хатлон | табиб-озмоишгар | 917374863 |
| 4 | Тураев Маъруф | МНДСЭ вилояти Хатлон | ронанда | |
| | | Минтақаи Кулоб | | |
| 1 | Ахмедов Даврон | МНДСЭ минтақаи Кулоб | эпидемиолог | 904437717 8332220060 |
| 2 | Саидов Мизроб | Беморхонаи сироятиии Кулоб | сироятшинос | 987077044 |
| 3 | Амриддини Сироҷиддин | МНДСЭ минтақаи Кулоб | табиб-озмоишгар | 988067097 |
| 4 | Қосимов Ориф | МНДСЭ минтақаи Кулоб | ронанда | 918285133 |
| | | Вилояти Суғд | | |
| 1 | Собиров Рустамҷон | МНДСЭ вилояти Суғд | эпидемиолог | 927120330 8342255544 |
| 2 | Бурибоев Рустам | беморхонаи сироятии шахри | сироятшинос | 928466733 |
| 3 | Турсунов Отабек | МНДСЭ вилояти Суғд | табиб-озмоишгар | 929807358 |
| 4 | Хушназаров Эхром | МНДСЭ вилояти Суғд | ронанда | 929322900 |
| | | ВМКБ | | |
| 1 | Исломбекова Майдагул | МНДСЭ вилояти ВМКБ | эпидемиолог | 935815566 837731104 |
| 2 | Муродалиева Дилрабо | Беморхонаи вилояти ВМКБ | сироятшинос | 935936615 |
| 3 | Рузиева Шакармо | МНДСЭ вилояти ВМКБ | табиб-озмоишгар | 934380640 |
| 4 | Боронишоев Боронишо | МНДСЭ вилояти ВМКБ | ронанда | 938640816 |

Замимаи 3
бо фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_01__»__02__соли 2020, №___59____
тасдиқ карда шудааст

Руйхати навбатдорони шабонарузии мувaққатӣ
дар марҳилаи паҳншавии сирояти коронавируси нави 2019-nCoV дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташхисгоҳҳои Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи миллии тандурустии ҷамъиятӣ» аз табибони вирусологҳои муассисаҳои тиббӣ-профилактикии сохторҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Ному насаб | Муассиса | Вазифа |
|---|---|---|---|
| 1. | Каримзода Х. | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳии миллии тандурустии ҷамъиятӣ» | Директор |
| 2. | Закирова Н.Ш. | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологӣ» | Мудири Озмоишгоҳи вирусологӣ |
| 3. | Карамхудоева С.А. | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологӣ» | Мудири Озмоишгоҳи бемориҳои ниҳоят хавфнок |
| 4. | Назарова ш. | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологӣ» | Табиб-вирусолог |
| 5. | Краснокутская З. | Муассисаи давлатии «Озмоишгоҳи санитарию эпидемиологӣ» | Мудири Озмоишгоҳи сито-кимиёвӣ |
| 6. | Мулоҷҷонова М. | Пажӯҳишгохи тибби профилактикии Тоҷикистон | Вирусолог |
| 7. | Волкова Т.В. | Озмоишгоҳи миллии референсӣ | Вирусолог |
| 8. | Умронов М. | Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ш.Душанбе | Мудири озмоишгоҳи бактериологӣ |